«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажуҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои физика-математика,
__________ дотсент Наҷмидинниён А.М.
"___" ________ соли 2024

**ХУЛОСАИ**

шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии унвонҷӯи шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегия Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)).

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва стратегияи рушди стратегияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод шудааст.

Палавонов Амоншо Муминович соли 1997 Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро аз рӯйи ихтисоси муаллими таърих ва ҷамъиятшиносӣ хатм намудааст.

Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1996 ба ҳайси омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 14-и ноҳияи Ванҷ оғоз намуда, солҳои 2019-2023 ба ҳайси омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқи Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе ва аз соли 2023 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи

идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Палавонов А.М. солҳои 2020-2023 ба сифати унвонҷӯи шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ фаъолият намудааст. Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни Забони англисӣ (21.10.2020) - хуб, Таърих ва фалсафа (18.05.2021) - хуб ва Назария ва методикаи таълиму тарбия (Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ихтисосро (14.03.2024) - бо баҳои аъло супоридааст.

Унвонҷӯ кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» зери роҳбарии д.и.п., дотсент, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф Иматзода Л.М. ба анҷом расонидааст.

Ҷаласаи шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегия баромади довталаби дараҷаи илмӣ Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ», хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯй, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Иматзода Лутфия Маҳмадулло ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)), аз ҷумла ба банди 5 - асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои нави педагогӣ ва системаҳои методии таълим, ки дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ амалӣ карда шудаанд, мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» ба самти афзалиятноки илми педагогикаи миллӣ – дар фаъолияти хонандагон ташаккул додани роҳу усулҳои гуногуни истифодаи технологияҳои навини педагогӣ робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 ва

Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи технологияҳои таълим, консепсияҳои таҳияи таъминоти таълимию методии раванди таълим ва воситаҳои таълим нигаронида шудааст.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович, ки такмили маҳорати педагогии омӯзгорон мавриди таълими фанни таърихи халқи тоҷик бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ саҳми босазо гузошта метавонад, муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, вобаста ба мавзуи диссертатсия 32 мақолаву дастурҳои таълимӣ-методӣ, аз ҷумла 3 мақолаи илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, 22 мақола дар дигар нашрияҳо ва 3 дастури таълимӣ-методӣ ба табъ расидаанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз он ҷумла, мақолаҳои илмиии зерини довталаб, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиясинамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд:

## МУНДАРИҶАИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ШУДААНД:

***I. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии тавсия намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:***

[1–М]. Палавонов А. М. Таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2020. – № 3 (31). – С. 106-111. ISSN 2617-5620.

[2–М]. Палавонов А. М. Истифодаи техноло-гияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ Палавонов А. М., Иматзода Л. М. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2021. – № 3 (35). – С. 75- 80. ISSN 2617-5620.

[3–М]. Палавонов А. М. Нақши технологияи бозӣ дар дарси таърихи халқи тоҷик. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2022. – № 3 (39). – С. 49-55. ISSN 2617-5620.

***II. Маводи дар маҷмуаи маводи конфренсия ва дигар нашриёҳо интишоргардида:***

[4–М]. Палавонов А. М., Ғайратов М. Х. Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2020. – № 4 (4). – С.142-147. ISSN 2708-5759.

[5–М]. Палавонов А. М., Ғайратов М. Х. Роҳҳои баландбардории самаранокии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 4 (4).– С. 53 - 56. ISSN 2708-5759.

[6–М]. Палавонов А. М. Таълими салоҳиятнокӣ: Усулҳое, ки таълимро босамар мегардонанд // Масъалаҳои методикаи таълим. – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 41-43.

[7–М]. Палавонов А. М. Истиқлолият ва рушди илму фарҳанги миллӣ. // (маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2020. – С. 37- 46.

[8–М]. Палавонов А. М. Дарси таърих бо нигоҳи нав. // «Дарси муосир» (маҷмуаи мақолаҳо аз таҷрибаи омӯзгорони шаҳри Душанбе,қисми 1) –Душанбе, 2020. – С. 78-90. ISSN 978-99975- 542-2-2.

[9–М]. Палавонов А. М. Дарс: Намуд ва сохтор // Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 4. – С. 27-31.

[10–М]. Палавонов А. М. Моҳияти низоми таҳсилоти иловагии фосилавӣ дар раванди таълим // Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 6. – С. 26-28

[11–М]. Палавонов А. М. Низоми муносибати салоҳиятнок: Усулҳои мухталиф ба таълим ва омӯзиш // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 14 - 16. ISSN 2306-4293.

[12–М]. Палавонов А. М. Истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ зимни таълими фанни таърихи халқи тоҷик // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 53-56. ISSN 2306-4293.

[13–М]. Палавонов А.М. Дарс: Намуд ва сохтор. //«Маориф ва истиқлол». (Маҷмуаи мақолаҳои озмунӣ барои дарёфти ҷоизаи Маориф ва истиқлол. Китоби 1). – Душанбе, 2021. – С. 228-236.

[14–М]. Палавонов А. М., Ҷабборова Ф. Чаро ба дарси муҳим ба чашми кам нигарем? // «Маориф ва истиқлол», (маҷмуаи мақолаҳои озмунӣ барои дарёфти ҷоизаи Маориф ва истиқлол. Китоби 2). – Душанбе, 2021. – С. 160-164.

[15–М]. Палавонов А. М. Каломи оқилона ва орифонаи Пешвои миллат. // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2021. – № 4. – С. 4-5. ISSN 23064-293.

[16–М]. Палавонов А. М. Омӯзгор ҳомии арзишҳои миллист. // Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 11.– С. 61-62.

[17–М]. Палавонов А. М. Ҷавонон ва мавкеи меҳварии онҳо дар сиёсати Пешвои миллат. // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2021. – № 12. – С. 4-7. ISSN 2306-4293.

[18-М]. Палавонов А. М. Аҳаммияти истифодаи технологияи бозӣ дар дарси таърих // Масъалаҳои методикаи таълим. – Душанбе, 2021. – № 11. – С. 48-51.

[19–М]. Палавонов А. М. Истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ дар дарси таърих. // Масъалаҳои методикаи таълим. – Душанбе, 2022. – № 1. – С. 38-40.

[20–М]. Палавонов А. М. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим. // Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – № 6. – С.38-41.

[21–М]. Палавонов А. М. Масъалаҳои мубрами психологию педагогии тарбияи наврасону ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ. //Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2022. – № 7. – С. 25-28. ISSN 2306 - 4293.

[22–М]. Палавонов А. М. Афзалиятҳои истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим. // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 46 – 50. ISSN 2306-4293.

[23–М]. Палавонов А. М. Консепсияи таълими фанҳои тахассусӣ // Омӯзгор. – Душанбе, 2023. – № 45 (12426). – С. 10.

[24–М]. Палавонов А. М. Аҳамият ва афзалияти истифодаи тахтаи муосири интерактивӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик // Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 3. – С. 42-46.

[25–М]. Палавонов А. М. Проблемаи методикаи таълими фанҳои тахассусӣ. // Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 3. – С. 43- 47.

[26–М]. Палавонов А.М. Маориф ва ҷойгоҳи он дар сиёсати маорифпаваронаи Пешвои миллат / А. М. Палавонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Нақши истиқлолияти давлатӣ дар рушди сиёсати иҷтимоӣ”. – Душанбе, 26 сентябри соли 2023. – С. 112-118.

[27–М]. Палавонов А.М. Метод ва усулҳои навини таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / А. М. Палавонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалии “Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона”. – Душанбе, 15 апрели соли 2024. – С. 68-74.

[28–М]. Иматзода Л. М., Палавонов А. М. Омилҳо ва роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим бо истифода аз технологияҳои педагогӣ / Л. М Иматзода., А. М. Палавонов// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи тадкиқоти педагогӣ: дурнамои инкишофи он дар замони муосир“– Душанбе, 20 октябри 2023. – С.78-82.

[29–М]. Палавонов А.М. Проблемаи методикаи таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии замони муосир / А.М. Палавонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Мактаби муосир ва проблемаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ”. – Душанбе, 24-25 ноябри соли 2023. – С. 326-332.

[30–М]. Палавонов А. М. Истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ: Дастури таълимӣ - методӣ // Зери назари доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Иматзода Л. М. – Душанбе, – 2022. –100 с.

[31–М]. Палавонов А. М., Чорёри Ҳ. Истифодаи дурусти саволномаҳои тестӣ ҳангоми санҷишҳои фосилавӣ ва имтиҳонҳои ҷамъбастӣ дар рафти таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ: Дастури таълимӣ-методӣ // Зери назари доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Иматзода Л. М. – Душанбе, – 2022. – 65 с.

[32–М]. Чорёри Ҳ., Палавонов А. М. Маҷмуаи саволҳои тестӣ аз фанни «Сиёсатшиносӣ» барои курсҳои сеюми ҳамаи ихтисосҳои шуъбаи рӯзона ва ғоибона: Дастури методӣ.– Душанбе,– 2022. – 52 с.

4. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълим дар МТМУ №№ 25, 32, 37, 38, 50, 56, 59, 66, 67- и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва МТМУ №14 - и ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар боло зикршуда мавҷуд буда, таъмини самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ собит карда шудааст.

Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ-

методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии пойгоҳӣ пешниҳод ва муҳокима карда шуданд.

5. Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки асоснокии назариявӣ-методологии таҳқиқот, аниқ кушода додани мафҳумҳо вобаста ба роҳандозӣ ва татбиқ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим муайян ва тавсияҳои методӣ пешниҳод карда шудаанд. Барои гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оид ба роҳандозӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ методикаи гузаронидани таҳқиқот таҳия карда шуда, оид ба натиҷаи он хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд. Ба омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим дастурҳои методӣ дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муҳим ва аҳамияти мубрам дошта, довталаб дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда дар воқеъ ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

– роҳ ва усулҳои мусоиди такмили маҳорат ва малакаи омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми роҳандозӣ ва истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст;

– меъёр ва тарзи истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар баргузории дарсҳои таърихи халқи тоҷик муайян ва пешниҳод гардидааст;

– усулҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудааст;

– бо гузаронидани корҳои таҷрибавӣ исбот карда шуд, ки истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба усулҳои анъанавӣ бартарии худро баръало нишон дода истодаанд.

Дар маҷмуъ, ҷамъи мулоҳизаҳои дар боло зикршуда мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминовичро бозгӯ карда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзуи таҳқиқоти унвонҷӯй шаҳодат медиҳад, ки ба баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ нигаронида шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада роҳу усулҳои муосири роҳандозӣ ва татбиқ намудани

технологияҳои муосири инноватсиониро дар фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик густурда ва дақиқ муайян менамоянд, истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ ба раванди таълим қувват бахшида, ҳавасмандии хонандагонро ба фанни таърихи халқи тоҷик тақвият медиҳанд. Инчунин ҳангоми корбурди технологияҳои муосири инноватсонӣ роҳу усул ва воситаҳои наве, ки дар оянда боиси инкишофи маҳорат ва малакаи хонандагон аз фанни таърихи халқи тоҷик мегарданд, муайян карда шуданд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқотро истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар рафти дарси таърихи халқи тоҷик дарбар мегирад. Гузаронидани корҳои таҷрибавӣ равшану возеҳ нишон доданд, ки дар амалия истифода шудани технологияҳои муосири инноватсионӣ раванди таълимро боз ҳам пурмаҳсул мегардонанд ва дар маҷмуъ ҳавасмандии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро ба дарс афзоиш медиҳанд.

Ҷаласаи шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Палавонов Амоншо Муминович, хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯй, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Иматзода Лутфия Маҳмадулло ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод гардидааст, кори мустақилона бaанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ дониста шавад.

2. Диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 05 июни соли 2024, протоколи № 07 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "тарафдор" - 15 нафар, "зид" - нест, "бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи фанҳои
ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегияи
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ
номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Н.Назиров

**Муқарризон:**

Доктори илмҳои педагогӣ Ф.Гулматов

Номзади илмҳои педагогӣ М.Акрамова

Номзади илмҳои педагогӣ А.Сатторов

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ Г.Ҷонмаҳмадова

Маълумот барои тамос: Суроға: 734024, ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов,11/2, тел: 225-84-23. Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзои Н. Назиров, Ф.Гулматов, М.Акрамова, А.Сатторов ва Г.Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи А.Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.